«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
н.и.п., дотсент Сафарзода Д.Ҷ.
_______________________
«____» ______________ 2024.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба кори диссертатсионии Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи “Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700– Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)**

## I. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда

Кори диссертатсионии Акрамова Б.А. аз рӯйи мавзуъ, мазмун, унсурҳои навгонӣ ва муқарраротҳои назариявию амалии ба дастомада ба бандҳои зерини ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад. 6. Асосҳои назариявию методологии идоракунии ташкилот. Сохтори функсионалӣ ва ниҳодии идоракунии ташкилот. Сохтори ташкилии идоракунӣ. Ҷанбаҳои дарозмуҳлат, миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуҳлати идоракунии ташкилот, идоракунии ҷорӣ. Идоракунии ташкилот аз рӯйи даврҳои ҳаётии он. 7.Лоиҳакашии низоми идоракунии ташкилот. Идоракунии зернизомҳо ва функсияҳои алоҳидаи он, равандҳо ва захираҳои истеҳсолӣ, дороиҳои ғайримоддӣ (патентҳо, ноу –хау, имиҷ, бренд ва г.). Идоракунии лоиҳаҳо, коркарди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва идоракунии он, идоракунии донишҳо, хавфҳо (риск), сифат, бизнес равандҳо дар ташкилот. Методология ва методҳои идоракунии инноватсияҳо, низоми инноватсионии корпоративӣ. 14.Лоиҳакашӣ, таҳияи методҳо ва воситаҳои ташкил ва идоракунии соҳибкории истеҳсолӣ. Идоракунӣ, танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, ояндабинӣ ва банақшагирии стратегии фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар ва минтақаҳои он; 15.Вижагиҳои идоракунии комплексҳо (КАС, нақлиёт, энергетика, сохтмон ва ғ). Омӯзиши самаранокии иқтисодии шаклҳои нави ташкили боркашонӣ, сохтмони хоҷагии нақлиёт ва таъмири воситаҳои нақлиёт. Механизмҳои ташкилию иқтисодии идоракунии

комплексҳо. Ташкил ва идоракунии сохторҳои бозор ва ташкилотҳои соҳаҳои хизматрасонӣ (фаъолияти бонкӣ, сугурта, инноватсия ва ғ.).

## II. Мубрамият ва аҳамияти мавзуи интихобшуда

Такмили низоми идоракунии ташкилоту корхонаҳои бахшҳои гуногуни иқтисодиёт аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки ислоҳоти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин ташкилоту корхонаҳои бахши кишоварзӣ, ки шумораи умумии онҳо зиёда аз дусад ҳазор ададро ташкил медиҳад бояд ба масъалаи ташаккули низоми нави идоракунӣ ва менеҷменти самаранок таваҷҷуҳ намуда, дар ин самт ба дастовардҳои муҳими таҷрибаи идоракунӣ такя намоянд. Дар ин асос яке аз самтҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои кишоварзӣ ин тақвияти раванди такрористеҳсол мебошад, ки самаранокӣ ва рушди усутувори онҳо ба ин вобастагии амиқ дорад. Амалияи корхона ва ташкилотҳои кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар ин самт мушкилоти зиёди институтсионалӣ, ташкилию иқтисодӣ ва инвеститсионӣ мавҷуд буда, ҳалли онҳо барои рушди бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Бо такя ба гуфтаҳои боло ва бо назардошти нишондодҳои консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ ва соҳавӣ такмилдиҳии низоми идоракунии раванди такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ, истеҳсоли озуқаворӣи хушсифат ва саноатикунонии босуръати кишвар нақши калидӣ доранд. Дар баробари ин такмили низоми идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар такшилотҳои кишоварзӣ, ки ба рушди устувори онҳо мусоидат мекунад, боиси таъсиси корхонаҳои нав ва истифодаи самараноки иқтидорҳои бахши кишоварзӣ мегардад. Дар ин замина муассисаи пешбар ҳаминро қайд менамояд, ки мавзуи интихобшуда мубрам буда, таҳқиқоти анҷомшуда мувофиқи мақсад ва дорои афзалиятҳои хос мебошад.

## III. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки аз ҷониби муаллиф мубрамияти мавзуъ ва ҳадафу вазифаҳои он мустақилона муайян ва интихоб карда шуда, бо истифода аз усулҳои дуруст интихобшудаи таҳқиқоти илмӣ хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии илман асоснокро пешниҳод намудааст. Дар баробари ин дар кори диссертатсионӣ довталаб маҷмуи калони нишондиҳандаҳои омории соҳавиро ба низом даровардa, дар заминаи таҳқиқоти назариявӣ

ва таҳлилу арзёбиҳои амалӣ заминаҳои ташаккул, махсусияти ислоҳот, қонуниятҳои инкишоф ва самтҳои асосии такмили низоми идоракунии равандҳои такрористеҳсолро дар корхонаҳои кишоварзӣ асоснок намудааст.

Саҳми шахсии довталаб ҳамчунин дар муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот дар чорабиниҳои илмию амалии гуногун ва нашри онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда низ ифода меёбад.

## IV. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда додан мумкин аст

Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомшуда муаллиф ба як қатор натиҷаҳои мушаххаси илмӣ ноил гардидааст, ки мутобиқати сатҳи кори иҷрошударо ба талаботи ҷойдошта тасдиқ менамоянд.

Кори диссертатсионии иҷроишуда аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаву пешниҳодҳо ва рӯйхати сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ мубрамияти таҳқиқот, мутобиқати он ба барномаву стратегияҳои давлатӣ, ҳадаф ва вазифаи таҳқиқот, унсурҳои навгонӣ, аҳамияти илмию амалӣ ва сатҳи тайъиди он оварда шудааст.

Дар боби якум – **«Асосҳои назариявию методологии менеҷменти равандҳои такрористеҳсол дар ташкилот□ои кишоварз□»** ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ, принсипҳо ва усулҳои идоракунии раванди такрористеҳсол ва таҷрибаи хориҷии ташкил ва идоракунии раванди такрористеҳсол таҳқиқ карда шуданд.

Дар боби дуюм – **«Таҳлили ҳолати муосир ва арзёбии низоми идоракунии такрористеҳсол да кохонаҳои кишоварзӣ»** вазъи кунунӣ ва тамоюли рушди низоми идоракунии равандҳои такрористеҳсоли фондҳои асосӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вазъи имрӯзаи истеҳсолоти кишоварзӣ, такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ, корхонаҳои алоҳида, шароит ва вазъияти раванди такрористеҳсоли дар ташкилотҳои кишоварзӣ ва идоракунии намунавии такрористеҳсол таҳлил ва пешниҳод карда шудаанд.

Дар боби сеюм - **«Самтҳои асосии такмили низоми идоракунии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** самтҳои асосии рушди идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси омӯзиши равиши консептуалии такмили низоми идоракунии

раванди такрористеҳсоли фондҳои асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, такмили системаи идоракунии раванди такрористеҳсол дар асоси тақвияти фаъолияти инноватсионӣ, инчунин тавсияҳои методӣ оид ба беҳтар намудани шароит ва низоми идоракунии такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ коркард ва пешниҳод карда шудаанд.

Дар **хулоса** натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳои хусусияти амалидошта оварда шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот фарогири унсурҳое мебошанд, ки аз ҷумлаи дастовардҳои муҳими довталаб ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин чунин ҷиҳатҳои зерро ҷудо намудан мумкин аст, ки ҳамчун навгонии илмии кори диссертатсионии тақризшаванда баромад мекунанд:

- бо такя ба таҳқиқоти анҷомшуда муаллиф исбот намудааст, ки раванди такрористеҳсол дар шароити муосир ин натанҳо такрори техникии раванди муайян, балки раванди интенсивӣ буда, устувории он ба истифодаи васеи инноватсияҳо асос меёбад;
- довталаб исбот намудааст, ки барои такмили раванди такрористеҳсол бояд фаъолияти шуъбаи таъминоти моддию техникӣ тақвият бахшида шуда, идоракунии раванди такрористеҳсол бояд бо кадрҳои баландихтисос, сармоя ва ахбори зарурӣ вобаста мебошад;
- омилҳои ба идоракунии раванди такрористеҳсол таъсиррасонанда мушаххас карда шуда, ҷиҳати бартараф намудани омилҳои манфӣ пешниҳодҳои асоснок коркард шудаанд;
- модели нави идоракунии раванди такрористеҳсол дар сатҳҳои гуногун таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки дорои тавсияҳои методӣ ва амалии такмили низоми сармоягузорӣ, кадрӣ, институтсионалӣ, ташкилӣ, техникӣ ва иттилоотӣ мебошад;
- довталаб самтҳои асосии такмили идоракунии такрористеҳсолро дар корхонаҳои кишоварзӣ асоснок намуда, пешниҳод кардааст, ки бояд ба фаъолияти инноватсионӣ, истифодаи равиши лоиҳавӣ, менеҷменти молиявӣ, захираҳои иттилоотӣ ва таҳияи стратегияи рушди корхонаҳои кишоварзӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда шавад.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки муқаррарот ва натиҷаҳои илмию назариявӣ дорои хусусияти навгонӣ буда, барои таҳқиқоти оянда замина мегузоранд. Дар баробари ин натиҷаҳои илмӣ дар раванди таълим низ истифода карда шуда, барои таҳияи стратегия ва барномаҳои давлатӣ метавонанд истифода карда шаванд. Ҳамчунин тавсияҳои назариявии муаллиф, назария ва равишҳои таҳқиқи идоракунии равандҳои такрористеҳсолро тавсеа дода, дар тақвияти таҳқиқотҳои соҳавӣ нақши муҳим доранд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он барои истифода дар корхона ва ташкилотҳои кишоварзӣ мутобиқ карда шуда, дар ин самт тавсияҳои зерини муаллиф қобили таваҷҷуҳ мебошанд:

- ба менеҷменти корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст, ки зимни такмили идоракунии раванди такрористеҳсол ба ҷанбаҳои методологӣ ва истифодаи васеи инноватсияҳои соҳавӣ такя кунанд;
- ҳангоми такмили идоракунии раванди такрористеҳсол принсипҳои асосии ташаккули низоми идоракунии ташкилотҳои кишоварзиро истифода кунанд;
- бо истифода аз таҷрибаи хориҷӣ пешниҳод карда шудааст, ки бояд дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи самаранокии хариди воситаҳои асосӣ, дастгирии давлатӣ ва таъсиси марказҳои ташхису таъмири техникӣ аҳамияти муҳим зоҳир карда шавад;
- пешниҳод шудааст, ки бо назардошти вазъи воқеӣ раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ дастгирӣ ва ҳавасманд карда шуда, механизмҳои инвеститсионӣ ва истифодаи захираҳои молиявии худӣ такмил дода шаванд;
- модели идоракунии раванди такрористеҳсол дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст;
- оид ба тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва истифодаи таҷрибаи пешқадами идоракунӣ тавсияҳои илман асоснок пешниҳод карда шудааст.

Бо такя ба гуфтаҳои боло ва сатҳу сифати таҳқиқоти анҷомшуда ҳаминро қайд менамоем, ки кори диссертатсионии иҷрошуда ва натиҷаҳои ба дастомада метавонанд барои ба довталаб додани дараҷаи илмӣ ҳамчун асоси боэътимод баромад кунанд.

## V. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ

Тахассуси илмии довталаб ба ихтисос ва самти интихобшуда мувофиқат намуда, муаррифии зарурии натиҷаҳои таҳқиқот, шумораи мақолаҳои илмӣ ва сатҳу сифати кори иҷрошуда нишон медиҳанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз аз 26.06.2023 № 295) ҷавобгӯй мебошад.

## VI. Эродҳо нисбат ба кори диссертатсионӣ

Дар кори диссертатсионӣ дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ баъзе камбудӣ ва норасогиҳо низ ба чашм мерасанд, ки аз инҳо иборатанд:

- ҳангоми таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва амалии идоракунии раванди такрористеҳсол муаллиф ба таҳқиқоти олимони ватанӣ кам таваҷҷуҳ намуда, дар баробари ин натиҷаҳои назариявӣ танҳо ба истифодаи инноватсия, таъминоти кадрӣ ва захираҳои инвеститсионию иттилоотӣ такя мекунанд;

- муаллиф бо такя ба таҳлили таҷрибаи хориҷӣ як қатор пешниҳодҳои мушахасро таҳия намудааст, ки барои истифодаи амалӣ аҳамияти муҳим доранд, аммо механизми татбиқи амалии он пешниҳод нагардидааст;

- зимни гурӯҳбандии омилҳо муаллиф ба заиф будани низоми идоракунӣ ва таъминоти кадрии раванди идоракунӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ин ҳолатро бо маълумоти оморӣ пурра накардааст;

- муаллиф модели муосири идоракунии раванди такрористеҳсолро пешниҳод намудааст, ки аҳамияти амалӣ дорад, аммо дар баробари ин масъалаи омода кардани кадрҳоро баррасӣ менамуд, аҳамияти кор баландтар мешуд.

- дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад, ки мутобиқи банди 106 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, зарурати илова кардани замима ҷой дорад.

Камбудӣ ва эродҳои дар боло овардашуда хусусияти тавсиявӣ дошта, асоснокӣ, эътимоднокӣ ва навоварии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

## VII. Мутобиқати диссертатсия ба талабот нисбати барасмиятдарории он мувофиқи меъёрҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кори диссертатсионии Акрамова Б.А. бо риояи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия» (Қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 28 июни соли 2017 №3/1)) ба расмия дароварда шуда, меъёрҳое, ки барои додани дараҷаи илмӣ дар Тартиби додани дараҷаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, ҷавобгӯй мебошад.

## VII. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба кори диссертатсионӣ ва сазовор донистани дараҷаи илмӣ

Кори диссертатсионии Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи "Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои

кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700– Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба талаботи банди банди 8, 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмии Комиссияи олии аттестатсонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз аз 26.06.2023 № 295) ҷавобгӯй мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (протоколи №10 аз 04.06.24.) бо иштироки довталаб муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 15; зид нест ; бетараф нест.

**Раисикунанда,**
н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи идораи
давлатӣ ва иқтисоди миллӣ Аҳмадбекова Н.М

**Ташхисгар:**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
идораи давлатӣ ва иқтисоди миллӣ Асоев М.М.

**Котиб:**
н.и.и.,муаллими калони кафедраи идораи
давлатӣ ва иқтисоди миллӣ Назарзода Н.Н

Имзои Аҳмадбекова Н.М., Асоев М.М ва Назарзода Н.Н.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ғаюров Фаромуз Зоирхонович**